**ТАҚРИЗ БА АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯИ**

**Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Автореферати дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» на танҳо ба илми рӯзноманигорӣ, балки ба илмҳои менеҷмент, маркетинг, риторика, робита бо ҷомеа (PR) ҳам иртибот гирифта, ба ҳайси як навъ барномаи мукаммали таваҷҷуҳи корманд ва беҳсозии муносибати ӯ нисбат ба коргоҳи худ равона гардидааст.

Дуруст аст, ки ВАО барои муколама миёни гурӯҳҳои мухталифи сиёсиву иҷтимоӣ, ниҳодҳо, ҳокимият ва халқ, давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ накши муҳим ва муассир дорад.

Тамоюлҳои иҷтимоию сиёсии солҳои Истиқлол бо баъзе зиддиятҳои сохтори сиёсӣ ва иқтисодии кишвар хос аст. Журналистика саъй мекунад, ки дар ин раванд ҳамчун васоили дастраси таъсиррасонӣ ширкат варзад.

Гузашта аз ин, рӯзноманигорон,ноширон, ходимони ҷамъиятӣ ва адибон дар бораи роҳҳои муосири рушди Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои доғи иҷтимоию сиёсӣ мубодилаи афкор мекарданд. Ин ва дигар масъалаҳо дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ мунтазам мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, зимни баррасии мавзуъ муаллиф ба таҳқиқоти назариявии муаллифони хориҷӣ оид ба назарияи иттилоот ва мухобироти оммавӣ, таърих ва назарияи журналистика, ВАО-и корпоративӣ, инчунин ба асарҳои филологҳо, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, иқтисодчиён ва ҷомеашиносон, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ахбори оммаро таҳлил менамоянд, такя намудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки матбуот вобаста ба шароит ва талаботи ҷамъият равия ва мазмуни мақолаҳои худро муайян мекунад.

Шакли инъикоси мавод ҳам ба муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ, маданияти фарҳангии давр вобаста аст. Агар дар як давра ҳаҷв мавкеи

калон кунад, дар давраи дигар панду андарз, каломи бадеъ, дар ҳолати сеюм мақолаҳои тамоюли сиёсӣ-идеявӣ дошта ва ғайра. Вобаста ба ҳамин номгӯи гӯшаҳо ҳам дар саҳифаҳои рӯзнома тағйир меёбад.

Ҳамин тариқ, ба таъкиди муаллиф, тавассути ВАО-и корпоративӣ дигар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ метавонад мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои як ВАО-и корпоративии мушаххас, аз ҷумла хусусияти таъсири онҳо ба амнияти ВАО, ба сиёсати ширкатҳо вобаста мебошад. Ин сиёсатро роҳбарони ин корпоратсияҳо муайян мекунанд.

Воқеан, расонаҳои корпоративӣ танҳо яке аз абзорҳои идоракунии онҳо мебошанд. Роҳбарони корпоратсияҳо мавқеи ширкатҳои худро бо ҳар роҳу восита мустаҳкам мекунанд, сиёсати идоравиро дар ВАО инъикос ва ҳимоя мекунанд.

Беҳтар ба роҳ мондани равандҳои тиҷоратӣ аз афзалиятҳои дигаре аст, ки метавонад барои пешрафти кори сомонаҳои корпоративӣ замина гузорад. Тавре аз таҷриба бармеояд, мавҷудияти филиалҳо дар навоҳии дурдасти мамлакат барои ширкат як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад.

Мубодилаи саривақтӣ ва фаврии иттилоот яке онҳо аст. Интиқоли ахбор аз як нукта ба нуктаи дигар мунтазам ба масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ иртибот дошта, бехавф дастрас шудани иттилоотро таъмин карда наметавонад.

Муаллиф дуруст ишора менамояд, ки сабаби пайдоиши сомонаҳои корпоративӣ дар мамлакати мо як навъ қафо намондан аз мӯд маънидод мегардад. Таҳқиқ маълум намуд, ки соҳибони сомонаҳо ин манбаи иттилоотиро одатан ба хотири татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет», Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил ва роҳандозӣ намудаанд.

Таҳлил ва омӯзиши автореферати диссертатсия маълум менамояд, ки кори диссертатсионии Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо

шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

Инчунин, ислоҳи ин камбудӣ ба манфиати кор дониста мешавад:

1. Дар автореферат доманаи хулоса ва тавсияҳои кор фаррох бошад ҳам, зиёд намудани онҳо аз аҳаммият холӣ нест.
2. Ҷасорати муаллиф дар хулосаҳои ҳар боб тақвият мехоҳад.

Умуман, автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, мундариҷа, муҳтаво ва мазмун таҳия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро мегирад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» таҳқиқи анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Маҳмадизода Н.Д.**
*10 феврали 2025 с.*

**Суроғаи хона:** 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Шерозӣ, 20/9, х. 19
**Телефон:** (+992) 918-99-70-90
**E-mail:** nozim2985@mail.ru

*«Имзои Маҳмадизода Нозим Давлатмуродро тасдиқ менамоям».*

**Нозири кадрҳои Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
*10 феврали 2025 с.*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи кор:** 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
**Телефон:** + 992 372 21 56 89
**E-mail:** ifppanrt@gmail.com
**Сомона:** https://ifppanrt.tj/